Тақриз
ба автореферати диссертатсияи Киромудинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи «Эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ

Таҳқиқу баррасии масъалаҳои равобити адабӣ ва тарҷума, хосса равобити адабии халқҳои тоҷику рус, давоми солҳои охир ба яке аз тамоюлҳои муҳимми нақди адабӣ ва адабиётшиносии замони мо мубаддал гардидааст. Рӯйи кор омадани чандин таҳқиқ ва китобҳои марбут ба ин масоил ва таълифу дифои силсилаи рисолаҳои илмӣ дар давоми сӣ соли охир бозгӯи он аст, ки, воқеан, дар ин арса дастовардҳои назаррасе ҳосил мешаванд. Таваҷҷуҳи махсуси ҳавзаҳои илмию адабӣ, хосса ба дифоъ расидани теъдоди муайяни рисолаҳои илмии номзадӣ ва докторӣ оид ба равобити адабии халқҳо ва таълифоти намояндагони ҷудогонаи адабиёти имрӯз, моро ба натиҷа мерасонанд, ки дар заминаи анҷоми чунин корҳои судманд ҳоло нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ ба пажӯҳиши ҳарчи жарфтари робитаҳои адабӣ ва тарҷумаи бадеӣ наздик мешавад.

Автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Киромудинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи «Эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри XX» бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ пешниҳод гардидааст. Аз рӯйи он маълум гардидааст, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб бо фарогири фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта ҳаҷми умумии диссертатсия 154 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима муаллиф мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқро бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ нишон додааст. Дар қисмати тавсифи умумии таҳқиқ муаллиф мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқотро нишон додааст.

Дар қисмати асосии таҳқиқ муқаддима, бобҳо ва фаслҳои рисола ба таври мухтасар ва мушаххас шарҳу тавзеҳ ёфтаанд. Муаллиф дар қисамти бобҳо фаслҳоро шарҳ дода ба натиҷаҳои муҳимтарини ба даст омада ишораҳо кардааст.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки он дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷудогона буда, арзиши илмӣ ва адабии номаҳои С. Айнӣ ва М. Турсунзода мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, вижагиҳои нома аз ҷониби ин эҷодкорони соҳибмактаб ва навъҳои нома: расмӣ, дӯстона ва саркушода, робитаи дӯстӣ ва эҷодии С. Айнӣ ва М. Турсунзода ва масъалаҳои дар номаҳо баёншуда баррасӣ шудаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва таърихии алоқаманд ба эҷодиёти Н.С. Тихонов, дар омӯзишу пажӯҳиши равобити адабии тоҷику рус метавон мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои таҳқиқ дар шинохту баррасии осори тарҷумавӣ ва таъини арзиши ҳунарию бадеии он маводи муфид хоҳад дод.

Дар қисмати хулоса муаллиф натиҷаҳои аз тақиқот ба дастомадаро пешниҳод намудааст.

Аз шаҳру сохтори автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки рисолаи мазкур дар сатҳи хуби илмӣ анҷом ёфта, муаллиф тавонистааст, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад. Бо вуҷуди ин, дар автореферати диссертатсия чанд камбудӣ дида мешавад, ки барои бартараф намудани онҳо боварӣ дорем, унвонҷӯ дар оянда кӯшиш хоҳад кард:

1. Ҳарчанд рисола унвони мушаххас ва конкрет гирифтааст, бештар бобҳои дуюм ва сеюм ба мазмуни рисола мувофиқат мекунанд;
2. Дар автореферат ғалатҳои имлоӣ дида мешавад. Аз ҷумла, дар саҳифаҳои 7, 9, 1. Пешниҳод менамоем, ки автореферат бори дигар аз рӯйи имлои нав таҷдиди назар гардад;
3. Баъзе ҷумлаҳо мантиқан хароб буда, илова бар ин, баъзан андешаҳо оҳанги публитсистӣ пайдо кардаанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Киромудинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи «Эҷодиёти Н.С. Тихонов бар мабнои равобити адабии тоҷику рус дар асри ХХ» ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Номзади илми филология, ходими
шешбари илмии Институти забон ва
адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Ҳошимова Х.А.
29-уми декабри соли 2022.

Суроғa: 734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 21
Телефон: (+992) 93-401-30-33
E-mail: hurshedah@mail.ru

Имзои Х.А. Ҳошимоваро тасдиқ менамоям:
сардори шуъбаи кадрҳои Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.
29-уми декабри соли 2022.